# ЛОИҲАИ «РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ»

***Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ»***

Бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишнома оид ба маблағгузорӣ (гранти №D082-TJ) ва (кредити №5702-TJ) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд оид ба *Лоиҳаи* «Рушди таҳсилоти олӣ» 7 августи соли 2015 бо арзиши 15 млн. доллари ИМА (грант – 45%, кредит – 55%) ба имзо расид.

**Ҳадаф ва вазифаҳои *Лоиҳа*:**

Таҳияи механизмҳои беҳтар намудан ва мониторинги сифат ва мутобиқати таҳсилоти олӣ ба бозори меҳнат.

**Самтҳои фаъолияти *Лоиҳа*:**

| | |
|---|---|
| **Қисмати 1. Беҳбудиҳо дар сатҳи институтсионалӣ** | **12,7 млн. дол. ИМА** |
| Зерқисмати 1.1: Грантҳои хурд барои баландбардории тахассуси қувваи корӣ | **1 млн. дол. ИМА** |
| Зерқисмати 1.2: Барномаи грантҳои озмунӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) | **11,7 млн. дол. ИМА** |
| **Қисмати 2. Дахолат дар сатҳи система** | **1,7 млн. дол. ИМА** |
| Зерқисмати 2.1: Беҳтар намудани сифат | **0,7 млн. дол. ИМА** |
| Зерқисмати 2.2: Навсозии барномаҳои таълимӣ дар системаи маориф | **0,8 млн. дол. ИМА** |
| Зерқисмати 2.3: Арзёбии маблағгузории таҳсилоти олӣ | **0,2 млн. дол. ИМА** |
| **Қисмати 3. Идоракунӣ, мониторинг ва арзёбии *Лоиҳа*** | **0,6 млн. дол. ИМА** |

**Мӯҳлати татбиқи *Лоиҳа*:**

Санаи имзои созишнома: 7 августи соли 2015.

Оғози *Лоиҳа*: 1 марти соли 2016.

Санаи маблағгузории *Лоиҳа*: моҳи августи соли 2016.

Анҷоми *Лоиҳа*: моҳи октябри соли 2021.

**Сарчашмаи маблағгузорӣ ва маблағи умумии *Лоиҳа*:**

Бонки ҷаҳонӣ. Рақами *Лоиҳа*: P148291.

Маблағи умумии *Лоиҳа*: 15 млн. доллари ИМА.

**Ҳолати татбиқи Лоиҳа**

Мақомоти давлатии ҶТ, ки ҳамчун татбиққунандаи Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» баромад менамояд, Вазорати маориф ва илми ҶТ (ВМИҶТ) мебошад.

Ҳамоҳангсози миллӣ: Саид Нуриддин Саид – вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Лоиҳаи мазкур барои ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ равона карда мешавад.

Лоиҳа аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

<u>Қисмати 1: Беҳбудиҳо дар сатҳи институтсионалӣ</u>

*Зерқисмати 1.1: Грантҳои хурд барои азнавтайёркунӣ / баландбардории тахассуси қувваи корӣ.*

Мутобиқи Дастури амалии Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» додани грант ба муассисаҳои таълимии комилҳуқуқ барои таҳия ва интишори барномаҳо ё курсҳои кӯтоҳмуддати мутобиқ ба бахшҳо, малака ё салоҳияте, ки дар бозори меҳнат талаб карда мешаванд.

*Зерқисмати 1.2: Барномаи грантҳои озмунӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК).*

Дар доираи зерқисмати мазкур чорабиниҳо оид ба мукаммалгардонии фаъолияти МТОК маблағгузорӣ карда мешаванд, яъне дар доираи Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» ба МТОК грантҳо, бо мақсади зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Баландбардории мутобиқати барномаҳои академии МТОК ба талаботи бозори маҳаллӣ ва минтақавӣ тавассути таҷдиди назар намудани нақшаҳои таълимӣ, курсҳои академӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон, дастгирии афзоиши касбӣ, таъмири лабораторияҳо, ҷиҳозонидан ба таҷҳизот ва таъмин бо маводи таълимӣ. Барои ба даст овардани ин ҳадафҳо мутахассисони соҳаи педагогика ва кортаъминкунандагон ҷалб карда мешаванд.

2. Пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ барои дастгирии академӣ, дастгирии донишҷӯён, алалхусус духтарон, бо мақсади мусоидат барои дохилшавии онҳо ба донишгоҳҳои олӣ ва минбаъд бо кор таъмин гардидани онҳо. Хизматрасонии пешниҳодшуда метавонанд, ки дар қатори дигар барномаҳои таълимӣ шароитҳои зиндагӣ, барномаҳои тарбиявӣ, силсилаи лексияҳо барои занҳои дар бозори меҳнат бандбуда, семинарҳоро оид ба ҷустуҷӯи ҷойҳои корӣ дарбар гиранд.

<u>Қисмати 2. Дахолат дар сатҳи система</u>

*Зерқисмати 2.1: Беҳтар намудани сифат.*

Вусъат бахшидани иқтидор барои мониторинг ва беҳтар намудани сифати таҳсилоти олӣ тавассути (a) амалӣ намудани ҳадди ақали стандартҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳои баъдидипломӣ ва ҳисоботдиҳӣ аз рӯи онҳо бо кӯмаки индикаторҳо; (b) тақвияти иқтидори мақомот ва муассисаҳои таҳсилоти олии дахлдори Гирандаи грант барои таъмини кафолати сифат мутобиқи стандарту дастурҳои аврупоӣ барои таъмини сифат дар соҳаи таҳсилоти олӣ; ва (c) таҳия, ҷорикунии пилотӣ ва тасдиқи стандарту дастурҳои нав барои кафолати берунаву дохилии сифат дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

*Зерқисмати 2.2: Навсозии барномаҳои таълимӣ дар системаи маориф.*

Дастгирии Гирандаи грант дар навсозии барномаҳои таълимӣ дар сатҳи донишгоҳҳо тавассути (а) гузаронидани пурсиши муфассали кордеҳ ба монанди арзёбии малака дар мавриди қобилияти меҳнат ва маҳсулнокӣ; ва (b) расонидани кӯмак дар мавриди таҷдиди назар намудани барномаҳои таълимии давлатӣ барои ҳадди ақал панҷ гурӯҳи тахассусҳои донишгоҳӣ.

*Зерқисмати 2.3: Арзёбии маблаггузории таҳсилоти олӣ.*

Гузаронидани арзёбии муносибати Гирандаи грант ба механизмҳои маблағгузории таҳсилоти олӣ.

<u>Қисмати 3: Идоракунӣ, мониторинг ва арзёбии Лоиҳа</u>

Дастгирии Вазорати маориф ва илм ҷиҳати ҳамоҳангсозӣ, марбутсозӣ, татбиқ, идоракунӣ, мониторинг ва арзёбии Лоиҳа тавассути таъминоти мол, хизматрасонии машваратчиён, хизматрасониҳои ғайримашваратӣ, тренинг, хароҷоти иловагии ҷорӣ ва аудити Лоиҳа.

Бо супориши Ҳукумати ҷумҳурӣ масъалаҳои зерин баррасӣ шуданд: Кумитаи роҳбарикунандаи байниидоравӣ (КРБ) ва Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ (КББ) таъсис дода шуд.

КРБ раванди амалӣ намудани грантҳои хурд ва грантҳои озмуниро пайгирӣ хоҳад намуд (Зерқисматҳои 1.1 ва 1.2). КРБ иборат аз намояндагони ҳайати роҳбарикунандаи вазоратҳои ҷумҳурӣ, ба монанди ВМИҶТ, ВМҶТ, ВИРҶТ, ВМШАҶТ ва дигар идораҳои дахлдор, хусусан он вазоратҳое, ки дар тобеяташон МТОК доранд. КРБ метавонад намояндагони бахши хусусӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии хусусиро ба ҷаласаҳои худ даъват намояд. КББ аз намояндагони вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ иборат аст: ВМИҶТ, ВМҶТ, ВРИСҶТ, ВСТНҶТ, ВММШАҶТ ва КДСИДҶТ. КББ метавонад дар ҷаласаҳо намояндагони бахши хусусиро даъват намояд.

**Корҳои иҷрогардида:**

Мувофиқи тартиби қабул, баҳогузорӣ ва тасдиқи лоиҳаҳои дархостӣ барои Грантҳои хурди Лоиҳа, ки аз 17 феврали соли 2017 то 7 апрели соли 2017 идома дошт, ба вазорат 47 адад лифофаҳои лоиҳаҳои дархостӣ аз муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуд.

Аз ҷумла, аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ - 18 адад; аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ - 9 адад; аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ - 3 адад ва аз ҷониби марказҳои таълимӣ - 17 адад. Лифофаҳои мазкур 23 адад аз шаҳри Душанбе, 7 адад аз вилояти Хатлон, 13 адад аз вилояти Суғд, 1 адад аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 3 адад аз Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуд. Маблағи умумии лоиҳаҳои пешниҳод шуда 9 133 684 сомониро ташкил медиҳад, ки ба равияҳои саноат, сохтмон, кишоварзӣ, маориф ва илм, савдо ва хизматрасонӣ равона карда шудааст.

Мувофиқи тартибот санаи 10 майи соли 2017, соати 14:00 дар толори бинои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои дархостии Грантҳои хурд барои гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ аз ҷониби Кумитаи роҳбарикунандаи байниидоравӣ тасдиқ гардид. 21 лоиҳаи дархостӣ бо арзиши 4 436

447 сомонӣ (521 935 доллари ИМА) барои мувофиқа ва тасдиқ намудан ба Бонки ҷаҳонӣ ирсол карда шуд.

| Минтақа | Ҳамагӣ | Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Муассисаҳои миёнаи касбӣ | Марказҳои таълимӣ | Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ | Муассисаҳои ғайридавлатӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Душанбе** | **12** | 5 | 1 | 1 | 1 | 4 |
| **Суғд** | **6** | 4 | 1 | 0 | 0 | 1 |
| **Хатлон** | **3** | 2 | 0 | 1 | 0 | 0 |
| **ВМКБ** | **0** | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **НТҶ** | **0** | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Ҳамагӣ | **21** | **11** | **2** | **2** | **1** | **5** |

Созишномаи грантӣ байни Вазорати маориф ва илм ҶТ ва 21 муассисаи ғолиби озмуни Грантҳои хурд бо арзиши 4,2 млн. сомонӣ (478 736 доллари ИМА) санаи 8 июни соли 2017 ба имзо расонида шуд. Дар назар дошта шудааст, ки ба 3220 нафар шунаванда курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ гузаронида шавад.

Тренинги омӯзишӣ оид ба харид, молия, мониторинг ва арзёбӣ ва идоракунии лоиҳа барои грантгирандаҳои Грантҳои хурд – муассисаҳое, ки татбиқи курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро пеш мебаранд, санаи 6 июни соли 2017 гузаронида шуд.

Дар доираи татбиқи Лоиҳа, дар якҷоягӣ бо кормандони Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми ҶТ ва мушовири байналмилалӣ оид ба дастгирии МТОК ҷиҳати таҳия намудани лоиҳаҳои дархостии Барномаи грантҳои озмунӣ Олена Фимяр, семинар дар мавзӯи «Тартиби дарёфти Барномаи грантҳои озмунӣ» барои намояндагони МТОК, санаи 16-17 майи соли 2017, соати 9:00 дар толори бинои Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, санаи 18 майи соли 2017, соати 9:00 дар толори бинои Донишгоҳи давлатии Данғара ва санаи 22 майи соли 2017, соати 9:00 дар толори бинои Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд бо иштироки муовинони ректор (директор) оид ба корҳои байналмилалӣ, тарбия ва таълим гузаронида шуд.

Даври якуми Барномаи грантҳои озмунӣ то санаи 21 июли соли 2017 эълон дода шуд. Тибқи нақшаи молиявӣ азхудкунии маблағҳо дар даври якуми Барномаи грантҳои озмунӣ 2,1 млн. доллари ИМА ташкил медиҳад.

Аз 15 май то 21 июли соли 2017, 18 лифофаи лоиҳаҳои дархостии Барномаи грантҳои озмунӣ - асосӣ ва 10 лифофаи лоиҳаҳои дархостии Барномаи грантҳои озмунӣ - дастгирии донишҷӯдухтарон аз МТОК қабул карда шуд. (18 лоиҳаи асосӣ бо арзиши 44 187 576 сомонӣ ва 10 лоиҳаҳо оид ба дастгирии донишҷӯдухтарон 3 328 430 сомонӣ, ҳамагӣ 47,5 млн сомонӣ).

Лоиҳаҳои мазкур аз ҷониби Комиссияи техникӣ аз 4 августи соли 2017 то 18 августи соли 2017 мавриди баррасӣ қарор гирифт, аз 18 лоиҳаи асосӣ Комиссияи техникӣ 12 лоиҳа ва аз 10 лоиҳаи дархостии дастгирии донишҷӯдухтарон 5 лоиҳаро дастгирӣ намуда, барои баҳогузорӣ ба Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ тавсия доданд.

Моҳи сентябри соли 2017 15 нафар коршиносони соҳавӣ аз МТОК, академия ва дигар сохторҳо барои тавсияи техникӣ додан ба лоиҳаҳои дархостии пешниҳодшуда интихоб карда шуд. Барои коршиносон омӯзиш ҷиҳати хулоса додан ба лоиҳаҳо гузаронида шуд. Вобаста ба ин, коршиносони соҳавӣ 4 рӯз ба ҳар як лоиҳа 2 нафар хулосаҳои худро ба тарзи хаттӣ ба 18 лоиҳаи пешниҳодшуда додан.

Моҳи октябри соли 2017 ҷаласаи Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ даъват карда шуд. Дар ҷаласа баъд аз пешниҳодҳои техникии Комиссияи техникӣ ва коршиносони соҳавӣ, аъзоёни КББ 20 рӯз ба ҳар як лоиҳа 3 нафар ба 28 лоиҳаи дархостии МТОК (18 лифофаи лоиҳаҳои дархостии Барномаи грантҳои асосӣ ва 10 лифофаи лоиҳаҳои дархостии Барномаи грантҳои дастгирии донишҷӯдухтарон аз МТОК бо арзиши 47 млн. сомонӣ) баҳогузорӣ намудан. Хулосаи Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ оид ба ғолибони озмун дар нимаи аввали моҳи ноябри соли равон омода карда мешавад.

| Минтақа | Ҳамагӣ | Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Муассисаҳои миёнаи касбӣ |
|---|---|---|---|
| **Душанбе** | **13** | 8 | 5 |
| **Суғд** | **9** | 6 | 3 |
| **Хатлон** | **3** | 3 | 1 |
| **ВМКБ** | **2** | 1 | 1 |
| Ҳамагӣ | **28** | **18** | **10** |

Дар моҳи декабри 11 лоиҳаи пешниҳодшудааи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби мушовири байналмилалӣ баррасӣ карда шуд. Аз ҷониби мушовири байналмилалӣ пешниҳод карда шуд, ки аз 11 лоиҳаи дархостии МТОК 6 лоиҳа барои маблағгузори намудан дар даври якум дастгири ёфт ва 5 лоиҳаи боқимонда барои таҷдиди назар кардан ба МТОК баргардонида шаванд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои Комиссияи техникӣ, Коршиносони соҳавӣ, Кумитаи баҳогузории байниидоравӣ ва мушовири байналмилалиро мавриди муҳокима қарор дод ва ба хулосае омад, ки ба 9 лоиҳаи асосӣ (бо арзиши 2 154 479 доллари ИМА) ва 4 лоиҳаи (бо арзиши 120 000 доллари ИМА) дастгирии донишҷӯдухтаронро маблағгузорӣ карда шавад.

Рӯзи 20 декабри 2017 ҷаласаи Кумитаи роҳбарикунандаи байниидоравӣ даъват карда шуд, дар ҷаласа 2 масъала мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифт: Тибқи тартиби рӯзномаи аъзоёни КРБ Дастури амалӣ намудани Барномаи грантҳои озмуниро муҳокима ва тасдиқ намуданд. Лоиҳаҳои дар боло зикргардида аз ҷониби Кумитаи роҳбарикунандаи байниидоравӣ тасдиқ гардид.

Дар моҳи декабри соли 2017 аз 21 муассисаи татбиқкунандаи Грантҳои хурди Лоиҳа 3 муассиса ба пуррагӣ курсои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро ҷамъбаст намуда ва ҳамаи маблағҳои онҳо тибқи созишномаи дуҷониба пардохт карда шуд. Аз ҷумла, Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан 60 нафар шунавандаро аз курсҳои кӯтоҳмуддати таълимии касбомӯзии атласбофӣ, қолинбофӣ, дӯзандагӣ ва гачкорӣ ва хиштчинӣ гузаронид. ҶДММ «Истиқлол 777», шаҳри Душанбе 480 нафар шунавандагонро аз курси ронандагӣ котигорияи “Б”, “В”, “С” ва “Д” гузаронид. ҶДММ «Саманди Самир», шаҳри Душанбе 180 нафар шунавандагонро аз курси

ронандагӣ категорияи “Б”, “В” ва “С” гузаронид. Ба боқимонда 18 муассисаи татбиққунандаи Грантҳои хурди Лоиҳа 80% маблағҳои онҳо тибқи созишномаи дуҷониба пардохт карда шуд.

Моҳи январи соли 2018 курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Муассисаи таълимии Иттиҳодияи ҷамъиятии «Дустӣ»-и шаҳри Душанбе, Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ш. Исфара, Донишкадаи кухӣ-металлургии Тоҷикистон, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб ва Донишгоҳи давлатии Данғара ба охир расид, ки дар он 510 шунаванда соҳиби касб гардиданд ва дар 12 муассисаи дигар курсҳои мазкур идома дорад.

Дар умум, аз рӯи маълумоти пешниҳоднамудаи муассисаҳо то охири моҳи декабри соли 2017, 153 гурӯҳ бо фарогирии 2414 нафар курсҳои дар боло зикргардидаро давра ба давра хатм карданд, ки тахминан 60 фоизи шунавандагонро занҳо ташкил медиҳад. Айни замон 1850 нафар шунаванда дар курсҳо ҷалб карда шуд, таълим дар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ идома дорад (Маълумоти мухтасар нисбати курсҳо тибқи ҷадвал замима мегардад).

Аз 16 то 20 октябри соли 2017 миссияи Бонки умумиҷаҳонӣ ба шаҳри Душанбе ташриф овард, ки аз 3 (се) муассиса (Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ, Коллеҷи муҳандисӣ – омӯзгории шаҳри Душанбе ва Муассисаи хусусии “Маркази забонҳои хориҷӣ” дар шаҳри Душанбе) дидан намуда, мониторинг гузаронид. Ҳамзамон, моҳи ноябри соли 2017 дар якҷоягӣ бо мушовири Бонки умумиҷаҳонӣ Муқим Темуров дар 6 (шаш) муассиса (Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ҶДММ «Истиқлол 777»-и шаҳри Душанбе, Литсейи касбии хизмат ва туризми шаҳри Душанбе, Муассисаи таълимии “Нури Хирад”-и шаҳри Хуҷанд, Донишкадаи полетехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ва Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд) аз рӯи нишондиҳандаҳои тасдиқшудаи Дастури амалӣ намудани мониторинги грантҳои хурд ва нишондиҳандаҳои иловагии аз ҷониби бонк пешниҳодгардида мониторинг гузаронида шуд. Маълумоти муфассали таҳлилӣ ба бонк ва вазорат аз ҷониби мушовири бонк пешниҳод гардид. Ҳисоботи мазкур дар ВМИҶТ мавриди муҳокима ва баррасӣ низ қарор дода шуд.

ВМИҶТ бо 10 нафар эксперти соҳавӣ барои иштирок намудан дар имтиҳонҳои хатми курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзии Грантҳои хурд қарордод ба имзо расонид. Аз ҷониби экспертҳо дар имтиҳонҳои хатмӣ 2 (ду) муассиса дар 5 (панҷ) гурӯҳ иштирок намуданд.

Умуман, ташкили гузаронидани курсҳои таълимӣ ва иштироки шунавандагон дар ин муассисаҳо дар сатҳи хуб ба роҳ монда шудааст, дар вақти гузаронидани мониторинг маълум гашт, ки оид ба ҷалби шунавандагон ва рафти курсҳо ягон проблема дар муассисаҳои дида нашуд, муассисаҳои мазкур тибқи талаботи Дастури амалӣ намудани хариди грантҳои хурд хариди таҷҳизотро ба роҳ мондаанд.

Маблағгузориҳо дар чорчӯбаи Грантҳои хурд аз ҷониби Вазорати маориф ва илм ҶТ амалӣ гардонида мешавад. Грантҳо ба муассисаҳои омузишӣ дар се давра пардохт карда мешавад, давраи якум — 20%, давраи дуюм — 60% ва давраи сеюм — 20%-ро ташкил медиҳад.

Маблағгузории давраи якуми грант ба миқдори 20% аз миқдори умумии грант пас аз пешниҳоди маълумоти тасдиқкунанда оид ба:

1. ба имзорасии Созишномаи Грантӣ;
2. иштироки ҳатмии шахсони мутассадии муассиаи таълимӣ, яъне шахси имзокардаи созишномаи грантӣ, шахси масъул оид ба гузаронидани чорабиниҳои грантӣ ва муҳосиб дар тренинги ҳатмии омӯзишӣ, пешниҳод карда мешавад.

Давраи дуюм ба баробари 60% аз маблағи умумии грант пас аз пешниҳоди:

- нақшаи татбиқи омӯзишӣ, ҳамчунин реҷаи корӣ;
- барномаи ниҳоии таълимӣ, ҳамчунин нақшаи дарсҳо;
- руйхати омӯзгорон;
- руйхати ба қайд гирифта шудани иштирокчиёни курсҳо.

Сеюм, яъне охирон пардохт, ки 20%-ро аз маблағи умумии грантро ташкил медиҳад, пас аз пешниҳоди натиҷаҳои имтиҳони ниҳоии шунавандагони курс амалӣ гардонида мешавад. Ба муассисаи таълимӣ маблағи охирон пардохт карда мешавад, ки агар дар имтиҳони ниҳоӣ 75% -и шунавандагон иштирок намояд.

Барои давом додани пурсиш байни хатмкунандаҳои МТОК-и ҷумҳурӣ (муассисаҳо интихоб мегарданд) маҳзани маълумотҳо тартиб дода шуд, ки маълумотҳои ҷамъгардида вобаста ба шумораи хатмкунандаҳои МТОК аз руи равияи омузгорӣ дар соли 2016 мебошанд. Дар ҳамин баробар, маълумотҳои умумӣ оид ба шумораи хатмкунандаҳо дар ихтисосҳои тамоми факултаҳои МТОК низ ҷамъоварӣ гардид. Маълумотҳои ҷамъгардида – маҳзани маълумотҳо ҳамчун замина дар тадқиқот барои назорати бо ҷойи кор таъмин гардидани хамткунандаҳои МТОК истифода хоҳанд шуд.